# ҚАРОРИ МУШОВАРАИ
# ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз 28 феврали соли 2014,    № 3/18    ш.Душанбе

Дар бораи мутобиқ намудани "Низомномаи Озмуни олимони ҷавон "Нававари беҳтарин"

Ҷаласаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи "Низомномаи Озмуни олимони ҷавон "Нававари беҳтарин"-ро баррасӣ намуда,

қарор мекунад:

1.Лоиҳаи қарори мушовара "Дар бораи мутобиқ намудани "Низомномаи Озмуни олимони ҷавон "Нававари беҳтарин" тасдиқ карда шавад (Низомнома замима мегардад).

2.Ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи Озмуни олимони ҷавон "Нававари беҳтарин"-ро барои иҷро ба роҳбарӣ гиранд.

3.Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон риояи Низомномаро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмӣ зери назорат гирад.

4.Қарори мушовараи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2011, №13/24 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи Озмуни олимони ҷавон "Ихтироъкори беҳтарин" аз эътибор соқит дониста шавад.

5.Назорати иҷрои қарори мазкурро ба зиммаи худам мегирам.

Раиси мушовара,
муовини аввали вазир    Р.Мирбобоев

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 28 феврали соли 2014,
№ 3/18 мутобиқ ва тасдиқ
карда шудааст

# Низомномаи
# Озмуни олимони ҷавон «Нававари беҳтарин»

## I.Муқаррароти умумӣ

1) Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи илмӣ ва илмӣ-техникӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Парки технологӣ», Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011-2015 ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, ба таври дақиқ ташкил ва тартиби гузаронидани Озмуни олимони ҷавон «Нававари беҳтарин» (минбаъд - Озмун), ки дар он олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии соҳаи маориф ва илм иштирок менамоянд, танзим менамояд.

## II.Муассис ва ташкилкунандаи Озмун

2)Муассис ва ташкилкунандаи Озмун Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

## III.Мақсади Озмун

3) Мақсади ташкил ва гузаронидани Озмун ин дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму технология ва принсипҳои сиёсати инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, имконият фароҳам меорад, ки бо роҳи ҳавасмандкунонии олимони ҷавон ва баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа шумораи бештари ҷавонони лаёқатманд ба корҳои илмию инноватсионӣ ҷалб карда шуда, сифати корҳои илмию таҳқиқотӣ ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ беҳтар гардад.

## IV.Иштирокчиёни Озмун

4) Иштирокчиёни Озмун кормандони илмию омӯзгорӣ, аспирантон, магистрантон ва донишҷӯёну хонандагони муассисаҳои

таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳаи маориф, ки синни то 35 сола доранд ва муаллифони ихтироот, навоварӣ ва фаъолияти дигари инноватсионӣ буда, барои амалӣ кардани онҳо ҳуҷҷати тасдиқкунандаи муаллифӣ доранд ё намунаи навоварию ихтироотро намоиш додаанд, буда метавонанд.

5) Барои гузаронидан ва баҳодиҳии корҳои илмию таҳқиқотии иштирокчиёни Озмун Комиссияи экспертӣ таъсис дода мешавад, ки он бо фармоиши Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

## V.Тадбирҳои асосӣ барои ташкили Озмун

6) Мақоми кории Озмун ҷиҳати ташкил ва гузаронидани он раёсати илм ва инноватсияи дастгоҳи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- раёсати илм ва инноватсия) мебошад.

7) Раёсати илм ва инноватсия барои ташкили Озмун чунин тадбирҳоро амалӣ менамояд:

- дар муҳлати муқарраршуда ба муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва муассисаҳои илмии соҳаи маориф доир ба баргузории Озмун маълумот медиҳад;
- дархост ва маводи Озмунро дастрас намуда, барои баррасӣ дар Комиссияи экспертии Озмун омода менамояд;
- ҷаласаи Комиссияи экспертии Озмунро даъват ва гузаронида, натиҷаи онро ба вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод менамояд.

## VI.Тартиби гузаронидан ва ҷамъбаст намудани Озмун

8) Барои иштирок дар Озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод мешаванд:

- шакли муқаррарнамудаи дархост барои иштирок дар озмун (Замимаи 1);
- маълумотнома барои ихтирооту навоварӣ ва модулҳои самаранок (Замимаи 2);
- нусхаи патентҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда.

9) Раёсати илм ва инноватсия маводи озмуниро ҳар сол то 1 апрел аз муассисаҳои дахлдор талаб менамояд.

10) Маводи ба Озмун пешниҳодшуда дар шакли холгузорӣ аз рӯйи меъёри зерин баҳогузорӣ мешавад:

- барои ҳар як навоварӣ, намунаи маводи навоварию ихтироот (инноватсионӣ) ё модули самаранок, ки дар натиҷаи иҷрои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва навоварӣ тибқи шартнома аз ҳисоби маблағгузории буҷетӣ ё ғайрибуҷетӣ ё аз ҳисоби маблағгузории омехтаи буҷетию ғайрибуҷетӣ ба даст оварда шудааast – аз 10 то 50 хол;
- барои ҳар як ихтироот, намунаи маводи инноватсионӣ ё модули самаранок, ки ба тариқи ташаббуси шахсӣ ва ҳуқуқи патентикунонии он ба муассисаи таҳсилоти касбӣ дода шудааст - аз 10 то 50 хол;

- илова барои ҳар як патент барои ихтироот ё модули самаранок, ки дар якҷоягӣ бо донишҷӯёну хонандагон ё аспирантҳо амалӣ шудааст – аз 10 то 20 хол;

- барои ҳар як ихтироот ё модули самаранок, ки дар хориҷа патент гирифта шудааст – аз 30 то 60 хол.

11) Ғолибони озмун аз рӯйи ҷамъи умумии холҳои бадастовардаи довталабон ва хулосаи илмии экспертҳо ҷиҳати самаранокии амалӣ намудани натиҷаи кори илмию таҳқиқотӣ ва аҳамияти илмии он, ҳамчунин сифати намунаи маҳсулоти инноватсионии омоданамуда, муайян карда мешаванд.

12) Дар мавриди ҳолатҳои баҳснок бо мақсади таъмини шаффофияту воқеият ҷиҳати баҳогузории натиҷаҳои навоварию ихтирооти иштирокчиёни Озмун маводи озмунӣ барои баҳодиҳӣ ба экспертҳои мустақил (новобаста) дода мешавад. Ба экспертҳои мустақил (новобаста) хулосаи Комиссияи экспертӣ доир ба маводи озмунӣ дода намешавад.

## VII.Ҷамъбаст ва мукофотонидани ғолибон

13) Ғолибони Озмун бо диплом ва мукофотҳои пулӣ дар ҳаҷми зерин ҳавасманд гардонида мешаванд:

- ҷойи якум - 700 сомонӣ;
- ҷойи дуюм - 500 сомонӣ;
- ҷойи сеюм - 300 сомонӣ.

14) Бо қарори комиссияи экспертии Озмун ба иштирокчиёни Озмун 2 туҳфаи арзишнок дода мешавад, ки яке аз ин туҳфаҳо ба иштирокчии ҷавонтарин дода мешавад.

15) Натиҷаи Озмун аз тарафи раёсати илм ва инноватсия дар сайти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаи «Омӯзгор» ва маҷаллаи «Маорифи Тоҷикистон» паҳн карда мешавад.

16) Озмун ҳар сол тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи Рӯзи илми тоҷик (ҳафтаи сеюми моҳи апрел) гузаронида шуда, натиҷаи он эълон карда мешавад.

## VIII. Номгӯйи самтҳои Озмун

17) Озмун аз рӯи номгӯйи мавзуъҳои илмии фармоишӣ ва ғайрифармоишии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои илмии соҳаи маориф, ҳамчунин намунаи маҳсулоти инноватсионии омоданамуда гузаронида мешавад.

18) Натиҷа ва хулосаи Комиссияи экспертии Озмун нисбати ихтирооти ғолибони Озмун барои дастгирии минбаъда ва роҳҳои ҷустуҷӯи ба роҳ мондани истеҳсолот ба Парки технологии муассисаи таҳсилоти касбие, ки имконият ва иқтидори бештари амалӣ намудани онро дорад, тавсиа дода мешавад.

Замимаи 1

ба Низомномаи Озмуни олимони
ҷавон «Навовари беҳтарин»

Дархост
барои иштирок дар Озмуни олимони ҷавон
«Навовари беҳтарин»

Ман,__________________________________________________________
(Ном, ному насаб,муассиса, идора, телефон барои робита, факс, E – mail)

__________________________________________________________________
(ҷойи истиқомат (суроға) – и иштирокчии озмун)

дархости мазкурро бо маводи зарурӣ (замима мешавад) барои иштирок дар Озмуни олимони ҷавон «Навовари беҳтарин» дар соли 20__ манзур менамоям.

Муътамад будани иттилооти пешниҳодшударо кафолат медиҳам.

Иштирокчии Озмун ____________/______________________/
(имзо) (ном, ному насаб)

_____________________

(сана)

Замимаи 2

Ба Низомномаи Озмуни

«Нововари беҳтарин»

Маълумот

дар бораи нововарӣ, ихтироот, модулҳои самаранок ва потентҳои бадастовардашуда

| Т/Р | Номгӯи ихтироот, моделҳои самаранок | Рақам ва таърихи дода шудани патент | Муассисае, ки патентро додааст | Ҳаммуаллифон-донишҷӯён ё аспирантон | Рақами Шартномаи литсензионӣ ва таърихи дода шудани он | Маводҳои илмии ба табъ расида, нусхаи дипломҳо ва дигар маводҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| | | | | | | |

Боэътимодии маълумотҳои пешниҳодшударо кафолат медиҳам

Иштирокчии Озмун ___________________________

(имзо) Ному насаб